# Хулосаи аудитории аудиторони мустақил

## Ба Шурои нозирони Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ

### Ақида:

Мо санҷиши аудитии ҳисоботи молиявии Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеиро (минбаъд «Хазина»), ки аз ҳисобот оиди вазъи молиявӣ дар санаи 31.12.2018с., ҳисоботҳо оиди фоида ё зарар ва дигар фоидаи умумӣ, тағйирёбии сармоя ва гардиши воситаҳои пулӣ барои соли 2018 ва инчунин эзоҳоти усулҳои асосии сиёсати ҳисобдорӣ ва дигар тавзеҳот иборат аст, гузарондем.

Ба ақидаи мо, ҳисоботи молиявӣ дар тамоми ҷанбаҳои асосӣ вазъи молиявии Хазинаро дар санаи 31 декабри соли 2018, ва инчунин натиҷаи фаъолият ва гардиши воситаҳои пулии онро барои соле, ки дар ин сана ба охир расид, мувофиқи Стандартҳои байналмиллалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) боэътимодона инъикос менамояд.

### Асос барои ибрози ақида

Мо санҷишро мувофиқи Стандартҳои байналмиллалии аудиторӣ (СБА) гузарондем. Масъулияти мо мувофиқи стандартҳои мазкур дар қисмати *«Масъулияти аудиторон барои аудити ҳисоботи молиявӣ»*-и хулосаи мо, шарҳ гардидааст. Мо мувофиқи талаботҳои мустақил, ки барои аудити ҳисоботи молиявии мо ва Кодекси ахлоқ барои муҳосибон дахл дорад, ба Хазина вобастагӣ надорем. Мо дигар масъулиятҳои ахлоқии худро мувофиқи талаботҳо, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунанд, иҷро намудем. Мо бовари дорем, ки далелҳои аудиторие, ки мо дастрас намудем, барои изҳори хулосаи мо асоси кифоя ва муносиб мебошанд.

### Масъалаҳои асосии аудит

Масъалаҳои асосии аудит - ин масъалаҳое мебошад, ки мувофиқи фикри касбии мо, барои санҷиши аудитории ҳисоботи молиявӣ дар давраи ҷорӣ аҳамияти муҳимтар дошт. Масъалаҳои мазкур дар контексти аудити ҳисоботи молиявии мо дар маҷмӯъ ва ҳангоми ташаккули ақидаи мо оиди ҳисоботи мазкур, баррасӣ намуда ва мо оиди масъалаҳои мазкур ақидаи алоҳидаи худро баён менамоем.

## Масъулияти роҳбарият барои ҳисоботи молиявӣ

Роҳбарият барои таҳия ва пешниҳоди боэътимодноки ҳисоботи молиявии мазкур мувофиқи Стандартҳои бухгалтерии ҳисоботи бухгалтерии байналмиллалӣ (СБҲБМ), ва инчунин барои таъсис додани низоми назорати дохилие, ки роҳбарият онҳоро барои таҳияи ҳисоботи молиявие, ки дорои таҳрифи муҳими дар натиҷаи амалиёти мусоҳилакоронаи молиявӣ ва хатогӣ ба вуҷуд омада нестанд, зарур меҳисобад, масъул аст.

Ҳангоми таҳия намудани ҳисоботи молиявӣ роҳбарият барои арзёбӣ намудани имкони мунтазам давом додани фаъолияти Хазина, барои дар ҳолатҳои дахлдор ошкор намудани маълумот, ки барои фаъолияти мунтазам марбут аст, ва барои тартиб додани ҳисоботҳо дар асоси фарзияи фаъолияти мунтазам, ба истиснои ҳолатҳое, ки роҳбарият тасмим дорад фаъолияти Хазинаро барҳам ва қатъ намояд ё вақте, ки ӯ дигар алтернативаи воқеӣ надорад, ғайр аз барҳамдиҳӣ ё қатънамоии фаъолият, ӯҳдадор мебошад. Шахсоне, ки барои идоракунии корпоративӣ масъуланд, барои назорат ва таҳияи ҳисоботи молиявии Хазина ҷавобгӯ мебошанд.

## Масъулияти аудиторон барои аудити ҳисоботи молиявӣ

Мақсади мо бадаст овардани эътимоди оқилона оиди он ки ҳисоботи молиявӣ дар натиҷаи амалҳои беинсофона ё хатогиҳо, таҳрифи назаррас надошта, дар таҳия намудани хулосаи аудиторӣ, ки дорои ақидаи мо мебошад, иборат аст. Эътимоди оқилона маънои дараҷаи баланди эътимодро дорад, вале кафолати онро надорад, ки аудити мувофиқи Стандартҳои байналмиллалии аудит гузаронидашуда ҳангоми мавҷуд будани таҳрифи назаррас ҳамеша онро ошкор менамояд. Таҳрифҳо метавонанд натиҷаи амалҳои беинсофона ё хатогиҳо бошад ва назаррас мебошад. Агар боасос тахмин кардан мумкин бошад, ки онҳо барои қабули қарори иқтисодӣ аз ҷониби истифодабарандагон, ки дар асоси ҳисоботи молиявии мазкур қабул мегардад, дар алоҳидагӣ ё дар маҷмуъ метавонанд таъсир намоянд.

Дар доираи аудит, ки мутобиқи Стандартҳои байналмиллалии аудит гузаронида мешавад, мо фарзияи касбиро татбиқ намуда, дар тули тамоми аудит шакандешии касбиро нигоҳ медорем. Иловатан, мо корҳои зеринро анҷом медиҳем:

- хавфҳои таҳрифи назарраси ҳисоботи молиявӣ, ки дар натиҷаи амалҳои беинсофона ё хатогиҳо ба амал меоянд, муайян ва арзёбӣ менамоем; ҷавобан ба ин хавфҳо мо қоидаҳои аудиториро таҳия ва татбиқ менамоем; далелҳои аудиторие, ки асос барои ибрози хулосаи мо кофӣ ва муносиб мебошад, қабул менамоем. Хавфи муайян накардани таҳрифи назаррас дар натиҷаи амалҳои беинсофона бештар нисбати хавфи муайян накардани таҳрифи назаррас дар натиҷаи хатогӣ, зеро амалҳои беинсофона метавонад забоняккунӣ, қаллобӣ,

ООО "Тала-Аудит"

баркасдона пешниход нанамудани маълумот, пешниҳод маълумоти таҳрифона ё амалҳое, ки низоми назорати дохилиро риоя намекунад, дарбар мегирад;

- мо фаҳмиши системаи назорати дохилиро бо мақсади ҳолатҳои мувофиқ, вале на бо мақсади ифодаи фикру ақида оид ба самаранокии системаи назорати дохилии Хазина, ки барои аудит таҳияи коидаҳои аудиторӣ аҳамият дорад, мегирем;

- хусусияти дурусти сиёсати ҳисобдорӣ, боасос будани баҳогузориҳои молиявӣ ва ошкор намудани маълумоти дахлдор, ки аз ҷониби роҳбарият омода мегардад, арзёбӣ менамоем;

- оиди аз ҷониби роҳбарият қонунан татбиқ шудани хатогиҳои фаъолияти мунтазам, хулосабарорӣ намуда, дар асоси далелҳои аудитории бадастоварда, оиди дар робита бо руйдодҳо ё шартҳо мавҷуд будани номуайянии назаррас, ки дар натиҷаи онҳо метавонад шубҳаи назаррас нисбат ба қобилияти мунтазам давом додани фаъолияти Хазина ба миён ояд, хулоса мебарорем. Агар мо хулоса намоем, ки номуайянии назаррас мавҷуд аст, мо дар хулосаи аудитории худ ба ошкор намудани маълумоти дахлдор дар ҳисоботи молиявӣ бояд диққат диҳем ё агар чунин ошкор намудани маълумот дуруст аст, ақидаи худро иваз намоем. Хулосаи мо дар асоси далелҳои аудиторӣ, ки то санаи пешниҳод шудани хулосаи аудитории мо қабул шудааст, асос ёфтааст. Аммо, воқеиятҳо ва шартҳои оянда метавонад ба он оварда расонад, ки Хазина қобилияти мунтазам давом додани фаъолияташро аз даст диҳад;

- пешниҳод гаштани ҳисоботи молиявӣ дар маҷмӯъ, сохторҳо ва мундариҷаи он, аз он ҷумла, ошкор намудани маълумот, инчунин, оё ҳисоботи молиявӣ, ки асоси онро амалиётҳо ва руйдодҳо ташкил медиҳад, саҳеҳияти пешниходи онро таъмин менамояд, арзёбӣ менамоем.

**Директор-Аудитор**
**ООО «Тоҷ - Аудит»** **Дадаҷонова Н.А.**

*ВМ № 0000263*
*аз 19 декабри соли 2017*